# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзуи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.**

Афзоиши шуморавии захираҳои меҳнатӣ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллиро васеъ мегардонад. Лекин, ба ин нигоҳ накарда дар аксарияти ҳолатҳо вазъияте ба назар мерасад, ки дар он афзоиши захираҳои меҳнатӣ бо васеъшавии имкониятҳои истеҳсолии мамлакат ва баландшавии сатҳи шуғлнокӣ ҳамрадиф намебошад. Бинобар ҳамин ақидаи олимон оид ба васеъшавии автоматии имкониятҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби афзоиши захираҳои меҳнатӣ ба пуррагӣ ба воқеъияти аслии иқтисодиёти муосири Тоҷикистон мувофиқат намекунад. Самараи мусбат аз афзоиши захираҳои меҳнатӣ метавонад ҳангоми мавҷудияти қобилияти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ барои таъмини онҳо бо ҷойҳои корӣ ва истифодабарии самараноки онҳо ба назар расад. Табиатан захираҳои меҳнатӣ ҳамчун, яке аз шартҳои васеъшавии такрористеҳсол мушоҳида карда мешавад. Бинобар ҳамин аз самаранокии истифодабарии онҳо, истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолӣ баҳри ба даст овардани маҳсулоти ҳадди аксари имконпазир вобастагӣ дорад. Дар ин ҷода нақши асосиро бо баробари тавсифи миқдорӣ таркиби сифатии захираҳои меҳнатӣ низ иҷро менамоянд.

Бинобар ҳамин дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд тамоми шароитҳо барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд. Яъне ҷалб намудани захираҳои меҳнатии нав ба гардиши хоҷагии халқ ҳамавақт бояд бо баландшавии самаранокии истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад.

Бо дарназардошти хусусиятҳои объективона асосёфтаи истифодабарии захираҳои меҳнатӣ муҳимият ва саривақтии тадқиқот муайян карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ, Кармышева Майсара Назруллоевна 15-августи соли 1984 таваллуд шуда, шаҳванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2007 факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси иқтисодиёти ҷаҳон хатм намудааст.

Аз соли 2007 то соли 2020 дар вазифаи ассистенти кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети моливию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Аз сентябри соли 2021 то ҳол дар факултети муносибатҳои иқтисодии байналмиллалӣ, ҳуқуқ ва гумрук ба ҳайси ассистенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмиллалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон кору фаъолият менамояд.

Аз 23.02.2021 сол ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯи ихтисоси 08.00.12-Иқтисодиёти меҳнат, дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мавзӯи кори диссертатсионии Кармышева Майсара Назруллоевна 14.04.2022 №446 аз Маркази миллии патенту иттилоот гузашта, дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, қарори 9 тасдиқ гардидааст.

Имтиҳонҳои номзади аз фанни таърихи фалсафаи илм бо баҳои 4(хуб), аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) бо баҳои 5(аъло) ва имтиҳон аз фанни ихтисос бо баҳои 5 (аъло) дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон супорида шудаанд.

Кармышева М.Н. дар як қатор конференсияҳои илмию амалии байналмиллалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, корҳои илмияшро оид ба натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои илмии аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расонидааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Кармышева Майсара худро ҳамчун шахси таҳқиқотчии фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи номзадӣ аз адабиётҳои ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Теъдоди корҳои нашршудаи муаллиф, ки дар давоми фаъолияташ таҳия шудаанд, аз доираи фаъолияти у дарак медиҳанд. Оид ба мавзӯи рисолаи номзадӣ унвонҷӯ дар маҷмӯъ 8 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Мақсади асосии диссертатсияи Кармышева М.Н. аз коркарди пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба баланд намудани самаранокии истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки довталаб ба мақсади зикршуда ноил гаштааст ва ҳамаи вазифаҳои муқарраргашта ҳалли худро ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад: 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ; 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, методҳои андозагирӣ, омилҳои таъсиррасон ва захираҳои афзоиш; 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он.

Натиҷаҳои диссертатсияи унвонҷӯ дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм гузошта, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба

нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусият ва омилҳои баланд намудани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ истифода кардааст. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи диссертатсия бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудаанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Кармышева М.Н. дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" рисолаи мустақилона ва дар мавзӯи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12- Иқтисодиёти меҳнат тавсия мегардад.

**Роҳбари илмӣ:**
муовини Раиси
Бонки миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ — Назирӣ Гулбаҳор Назир

*Имзои Назирӣ Г.Н. – ро тасдиқ мекунам.*

Сардори Идораи кормандони
Бонки миллии Тоҷикистон — Сайдвалиева О.С.